**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**ТАҚРИЗИ**

ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2021)

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии барои ҳимоя тавсиягардида «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ» бешубҳа мубраму доғи рӯз мебошад. Пеш аз ҳама, хотирнишон бояд кард, ки афкори сиёсию ҳуқуқӣ дар заминаҳои муайяни сиёсию иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд ва ин заминаҳо ба рушди афкори сиёсию ҳуқуқии мутафаккир мусоидат кунанд. Чӣ тавре Пешвои миллат қайд кардаанд, тоҷикон: "... дар бунёди давлатҳои муташаккилу неруманд, офаридани нахустин арзишҳои фарҳангӣ, низоми одилонаи ҳуқуқӣ, осори ахлоқӣ ва таълифоти илмӣ саҳми беназир гузоштаанд" (Нигаред.: Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар 18 марти 2020, ш. Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http: //www.prezident.tj/node/ 22643 (санаи мурочиат: 17.04.2020)). Аз ин сабаб, унвонҷӯй дуруст қайд мекунад, ки яке аз сабабҳои рӯ овардан ба ин мавзӯъ: ”Муҳтавои ин мероси гаронбаҳо муҳаққиқону пажуҳишгаронро водор месозад, ки барои тарбияи насли наврас, солиму фаъол, тансиҳату соҳибтамаддун ва дорои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ будани афроди ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, дар руҳияи ифтихороти миллӣ, ҳимоятгари марзу бум ва манфиатҳои миллӣ будан, ҳамчун шаҳрванди ташаккулёфтаи фаъол тарбия ёфтан, ба ин ганҷи бебаҳо рӯ оварда, падидаҳо, дастуру тавсияҳо ва меъёрҳои башардӯстонаи онро ҳарчи бештар истифода барем. Омӯзиши афкори сиёсию ҳуқуқӣ ва адабиёти пурғановати ниёгони мо алалхусус дар вазъияти кунунии ҷомеа, ки аксар қолабҳои фикрӣ, ахлоқӣ,

иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодию сиёсӣ таҷдиди назар мехоҳанд, бешак масъалаи басо мубрам аст, бинобар ин, пешоҳангону масъулини ин руннҳои ҷомеаро зарур аст, ки баҳри такмилу рушд ва ташаккули мафкураи созандаи афроди ҷомеа, ин манобеъро сармашқи кори худ қарор диҳанд"(С.3 автореф.).

Мискавайҳ чӣ тавре аз таҳлили автореферат бармеояд, яке аз машҳуртарин дар қатори Форобию Ибни Сино мутафаккиронест, ки на танҳо оид ба масоили ахлоқу калом, балки фиқҳу сиёсатшиносӣ таълимоти куллӣ дорад. Унвонҷуй тавонистааст, ки таълимоти сиёсию ҳуқуқии мутафаккирро ба таври муфассал таҳлилу таҳқиқ намуда, оид ба аҳамияти он барои ҷамъияти муосир ва дурнамои рушди давлатдории тоҷикон дар як қатор самтҳо андешаҳо баён намояд.

Аз ин сабаб, оид ба мубрамияти мавзӯи пешниҳодшуда ҷои шубҳа нест, баръакс, таълимоти Мискавайҳ ба таври комилу муфассал бояд мавриди таҳқиқ қарор гирад.

Вобаста ба нуктаҳои илмии рисолаи пешниҳодшуда ҳаминро бояд қайд намуд, ки аксарияти навгониҳо бори аввал ба даст омадаанд, хулосаҳои нав дар илми ҳуқуқшиносӣ мебошанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки Мискавайҳ асосан устоди ахлоқи марҳилаи исломии давлатдории тоҷикон аст. Аз таҳқиқот маълум мешавад, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ низ олими забардаст буда, дар як қатор масъалаҳо дар заминаи ахлоқ принсипҳои ҳуқуқиро таҳия намудааст. Таълимоти ҳуқуқии Мискавайҳ ба талаботи ахлоқ низ ҷавобгуй аст.

Рисола дорои муқаддима, ду боб, ки аз ҳафт зербоб иборатанд, хулоса ва руйхати адабиёт буда, бобу зербобҳо чунон ба нақша гирифта шудаанд, ки яке аз дигаре оғоз гирифта, дар охир як монографияи куллии таълимоти сиёсию ҳуқуқии Мискавайҳро дарбаргиранда таълиф шудааст.

Муаллиф дар заминаи асарҳои олимони машҳури ватанию хориҷӣ таҳқиқотро анҷом додааст. Истифодаи васеи усулу равишҳои илмиро низ бояд қайд намуд, ки имконият фароҳам овардаанд, ки муаллиф хулосаҳои саҳеҳу боваринок ва далелнок таҳия созад.

Хулосаю натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дошта, қодиранд дар ҷараёни таълим ва барои такмили самтҳои дахлдор

мавриди истифодаи амалӣ қарор дода шаванд.

Эрод нисбат ба таҳқиқот: - ба таври муфассал таҳқиқ нашудани вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони зиндагонии Мискавайҳ аст, ки он метавонист саҳми мутафаккирро дар омӯзиши масоили таҳлилшуда боз ҳам мушаххасу дақиқ намояд.

Эроди номбаршуда ба сатҳи баланди илмии рисола таъсир намерасонад, аз ин сабаб мо таҳқиқотро ҳамчун рисолаи баанҷомрасида, комил ва ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ эътироф намуда, муаллифи он - Қодирзода Сайидмуссо Муҳибуллоро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мешуморем.

Муқарриз:
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Муовини сардори Дос КДАМ
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм ва таълим Мирзоев Саломатшо

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Турсуев 43
E – mail:

Имзои ____________ тасдиқ мекунам.
Шуъбаи кадрҳои Назриева Ч.